ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р. ба рисолаи илмии Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович дар мавзӯи: "Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтақа (дар мисоли минтақаи Ҷанубу Шарқи Тоҷикистон)", ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисоди аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат, пешниҳод шудааст.

**Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович**, 11 майи соли 1971 дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон дар оилаи коргар ба дунё омадааст, оиладор соҳиби 7 фарзанд мебошад. Унвонҷӯ соли 1994 техникуми саноати хуроквории шаҳри Исфарaро бо дипломи аъло ва соли 2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси "Маркетинг" бо дипломи аъло, хатм намудааст.

Номбурда аз соли 1986 сар карда дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар кору фаъолият намудааст. Ӯ фаъолияти омӯзгории худро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз моҳи ноябри соли 2007 ба ҳайси мудири кабинет ва ассистенти кафедраи маркетинги факултети менеҷмент ва маркетинг, оғоз намуд. Маҳмудов Баҳриддин аз соли 2009 ба сифати ҷонишини декани факултаи иқтисодӣ оид ба таълим, аз соли 2011 ба сифати эдвайзери факултети иқтисодӣ ва аз соли 2012 то 2014 ба ҳайси муаллими калони кафедраи «Маркетинг» фаъолият намудааст. Ӯ аз соли 2014 ба сифати омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ ва баъдан ҳамчун муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявӣ иқтисодии Донишгоҳи далатии Кӯлоб то ба имрӯз, фаъолият намуда истодааст. Маҳмудов Баҳриддин соли 2020 барои хизматҳои дурударози бенуқсон ва дар тарбияи мутахассисони ҷавон саҳми арзанда гузоштанаш бо унвони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шудааст.

Ӯ имтиҳоноти ҳадди ақали номзадиро аз фанни "Забони англисӣ", "Таърих ва фалсафаи илм" дар соли 2019 ва имтиҳоноти ҳадди ақали номзадиро аз рӯйи ихтисос дар соли 2020 супорида, соҳиби шаҳодатнома гаштааст.

Аҳамияти мавзӯи интихобшудаи таҳқиқоти рисолавӣ бо он асоснок шудааст, ки дар ҳоли ҳозир, бар асари риоя нагардидани қоидаҳои мавҷудаи идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, танзим нагардидани раванди мутобиқшавии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ба истифодаи пулакии захираҳои обӣ, самаранок амалӣ нагардидани

чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба истифодаи об дар минтақаҳо ва мавҷудияти мувозинати нобаробари таъмини об дар минтақаҳо, хусусан дар минтақаҳои ба хоҷагии деҳқонӣ шуғлдошта, ҳанӯз ҳам мушкилоти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мондааст. Маълум аст, ки соҳаи хоҷагии қишлоқ истифодабарандаи асосии захираҳои обӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон маҳсулоти ниҳоии он бехатарии озуқаворӣ ва суботи иқтисодию иҷтимоии давлатро муайян мекунад. Солҳои охир, аз ҷумла бар асари истифодаи ғайрисамараноки захираҳои обӣ, дараҷаи ҳосилнокии заминҳои корам, бошиддат коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат махсусан дар заминҳои кишти пахта, чуворимакка, сабзавот ва полезӣ ба таври аён ба чашм мерасад. Ҳолати ба миён омада, харҷӣ зудтар дар амал татбиқ намудани принсипҳои асосии танзим ва идоракуниро дар низоми истифодабарии захираҳои обӣ, бо таваҷҷӯҳ ба татбиқи принсипҳои рушди устувор, таъкид менамояд.

Корҳои рисолавӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона бо назардошти иштироки мустақими ӯ дар интихоби мавзӯъ, сохтани сохтори он, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ, гузаронидани пурсиш, нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок ва баромад дар маҳфилҳои илмӣ, конфронсҳо ва семинарҳои амалӣ анҷом ёфтааст. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда таркиб ёфта, ҳаҷми матни асосии он 188 саҳифаи чопи компютерӣ, 16 ҷадвал ва 13 расмро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъалаи мавриди баррасӣ, муайян карда шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, инчунин навигариҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, нишон дода шудааст.

**Дар боби аввал – “Асосҳои назариявию методологии инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ”** моҳият ва заминаҳои инкишофи консепсияи рушди босубот мавриди омӯзиш қарор гирифта ҷанбаҳои назариявии нақш ва аҳамияти захираҳои обӣ дар сохтори муносибатҳои иқтисодӣ тадқиқ гардидаанд, қонуниятҳо ва фишангҳои иқтисодии идоракунии захираҳои об ҷиҳати ноил гардидан ба инкишофи рушди босубот, таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

**Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъият ва баҳогузории истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақаи Ҷанубу Шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** вазъи кунунии захираҳои обӣ дар минтақаи Ҷанубу Шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, самаранокии истифодаи захираҳои обӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳогузорӣ карда шудааст.

**Дар боби сеюм – «Самтҳои афзалиятноки инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи истифодабарии захираҳои обии минтақаи Ҷанубу Шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** роҳҳои такмили механизми идоракунии захираҳои обӣ дар шароити таъмини рушди босуботи минтақа ва ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, самтҳои татбиқи принсипҳои истифодабарии захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба омилҳои экологӣ, баррасӣ гардидаанд. Инчунин, усулҳои фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ ҷиҳати нигоҳдорӣ, тақсимнамоӣ ва истифодаи захираҳои обӣ, шарҳу тафсил дода шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд, хулосаҳои асосии назариявӣ баён ва чораҳои амалӣ пешниҳод карда мешаванд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Б.Н. Маҳмудов дар системаи таълим таҷрибаи бой дорад. Вай пайваста бо истифода аз таҷриба ва дастурҳои бисёр олимони соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми марҳилаҳои камолоти илмиро аз сар гузаронидааст. Фаъолияти илмии ӯ аз ибтидо бо мушкилоти истифодаи устувори замин ва захираҳои обӣ дар маҷмааи агросаноатӣ ва кишоварзӣ алоқаманд буд. Мураккабии мавзӯи таҳқиқот ва коркарди нокифояи он дар шароити Тоҷикистон уновонҷӯйро водор кард, ки муддати дароз роҳҳои сохтори оптималии вазифаҳоро ҳал карда, онҳоро ба хулосаи мантиқӣ расонад. Албатта, ӯ худро дар раванди таҳқиқи мавзӯъ чун шахси масъулиятшинос, ташкилотчӣ ва дорои ҳадафу мақсади ягона нишон дод.

Дастовардҳои илмии унвонҷӯй, ки ахамияти назарияви ва амалӣ доранд дар он хулоса мешаванд, ки дар диссертатсия механизми такмилёфтаи истифодабарии захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба консепсияи рушди босубот, ки принсипҳои асосии ташаккули механизми иқтисодии идораи обистифодабариро дар алоқамандӣ бо вазифаҳои идораи обистифодабарӣ дар худ инъикос менамояд, коркард шудааст. Муҳимтарин хусусияти фарққунандаи механизми мазкур дар он ифода меёбад, ки таъминоти илмӣ ва иттилоотии мониторинги фаъолияти хоҷагии обро, чун ҷузъи таркибии механизми истифодабарии захираҳои обӣ дар назар мегирад, ки он алоқаи баръаксро дар заминаи натиҷагирӣ, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти хоҷагиҳои об таъмин менамояд. Инчунин низоми мониторинг ва баҳогузории ҳолати истифодабарии об аз нигоҳи иқтисодиву экологӣ, ки ба фарқ аз низомҳои мавҷуда ба унвони меъёри баҳогузорӣ талабот ва мазмуну мӯҳтавои ҳуҷатҳои стратегии рушду инкишофи кишварро барои давраи дарозмудат, чун ҳуҷҷатҳои такягоҳӣ

ба назар мегирад, ки имкон медиҳад захираҳои обӣ чун омили муҳими ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисоди миллӣ, аҳамияти худро дар чараёни мониторинг ҳифз намоянд, пешниҳод шудааст. Низоми мазкур баҳогузорӣ ба сифати оби таъиноташ мухталиф (истеъмолӣ, истеҳсолӣ), сифати объектҳои обтақсимкунӣ, (таъминоти аҳолӣ ва бахшҳои иқтсиодиёт), таъсири манфии об ба саломатии аҳолӣ, сифати заҳбуру заҳкашҳо, каналҳои тақсимоти об дар кишоварзиро ба унвони нишондиҳандаҳои ҳадаф қабул менамояд.

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва маколаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб (Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар давраи солҳои 2016-2021 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои илмиву амалии рисолаи мазкур дар 21 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 4 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр шудаанд.

Дар боло гуфтаҳо имкон медиҳанд изҳор намоем, ки кори диссертатсионии Б.Н. Маҳмудов дар мавзӯи: “Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтақа (дар мисоли Ҷанубу Шарқи Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисоди аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат, пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор,декани факултети
иқтисод ва идораи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Исайнов Ҳ.Р.

Имзои Исайнов Ҳ.Р.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.